# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ)**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор Шарифов Раҳмоналӣ Ятимович (раис), доктори илмҳои таърих, профессор Турсунов Турсунмурод Худоймуродович, доктори илмҳои таърих, дотсент Тиллоев Сангаҳмад Самадович бо таҳқиқоти диссертатсионии Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992-2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ) шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович ба таҳқиқи мавзуи вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон (солҳои 1992-2001) бахшида шуда, дорои аҳаммияти илмӣ мебошад. Муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ сарчашмаҳои марбути мавзуъ, осори бунёдии афғоншиносони замони шуравӣ, пасошуравӣ, осори муҳаққиқони Афғонистон ва хориҷиро истифода намудааст. Диссертатсия таҳқиқоти мустақилона буда, бо талаботи услуби илмӣ мувофиқ аст. Инчунин, мақсад ва вазифаҳои илмии дар назар дошта шуда ба таври комил иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

**Мубрамии омӯзиши мавзуи таҳқиқ** аз он иборат аст, ки Афғонистон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI дар маркази рақобати кишварҳои абарқудрат ва ихтилофҳои дохилию муборизаҳои қудратхоҳии ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ қарор дошт. Омӯзиш ва таҳлили омилҳои дохилӣ ва берунии ноустувории қудрати сиёсии кишвар дар асоси маводи муътамад имконият медиҳад, ки тақдири ояндаи Афғонистон ва кишварҳои ҳамсарҳади он таъкид гардад. Таҳаввулоти сиёсӣ ва низомии Афғонистон аз нигоҳи амнияти минтақавӣ дар меҳвари фаъолияти сиёсати хориҷии Тоҷикистон қарор дорад. Бинобар ин, аҳаммияти омӯзиш ва таҳлили мавзуи мазкур шубҳаро пеш намеоварад.

Воқеан, дар таърихнигории ватанӣ оид ба вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон (солҳои 1992-2001) таҳқиқоти алоҳида анҷом дода нашудааст. Муаллиф мақсад ва вазифаҳои мавзуи таҳқиқшавандаро мушаххас намуда, паёмадҳои онро барои минтақа таъкид кардааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки муаллиф дар нигориши мавзуъ сарчашмаҳои камомӯхта ва ноомӯхташударо истифода кардааст. Методи нави ҳалли масъалаҳои гузошташуда, таҳлили воқеаҳои давраи таҳқиқшаванда, аз ҷумла, зуҳури «Толибон», ихтилоф миёни ҳизбу

ҳаракатҳои исломӣ аз диди нав баён гардида, инчунин хулосабарориҳои мантиқӣ оид ба масъалаҳои баназаргирифташуда дуруст асоснок шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ.** Рисола аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад ва натиҷаҳои он метавонад барои анҷоми корҳои илмии муаррихон, сиёсатшиносон ва ҷомеашиносон ёрӣ расонад. Натиҷаи таҳқиқот ва таҳлилу хулосаҳои муаллифро метавон дар раванди таҳияи китобҳои дарсии «Таърихи Афғонистон», корҳои мустақилонаи магистрӣ, доктор (PhD), масъалаҳои омӯзиши низоъҳои минтақавӣ ва дар маҷмуъ, таърихи умумӣ мавриди истифода қарор дод.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** аз он иборат аст, ки дар асоси маъхазҳо ва адабиёти илмӣ масъалаи мазкурро таҳқиқ намудааст. Инчунин, дар диссертатсия идоракунии муҷоҳиддин бо «Толибон» муқоиса гардида, тафовутҳои ҷузъии он нишон дода шудааст. Дар ҳамин асос, сарчашмаҳои зарурииро таҳлил ва хулосаҳои шахсиро баён намуда, натиҷаҳои дилхоҳ бароварда шудаанд. Диссертатсия натиҷаи таҳқиқи чандинсолаи диссертант ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ мустақилона иҷро шудааст.

Диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович кори мустақилона буда, аз сохтори муназзам, пайдарҳамии мантиқӣ, навгониҳо ва хулосаҳои илмӣ иборат аст. Мазмуни матни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992-2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» аз рӯйи натиҷаҳои ба даст омада, истифодаи амалӣ ва сифати вероиш ба талаботи муқаррарнамудаи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои доктори (PhD) мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ) сазовор аст.

Комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад, ки диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992-2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ) комилан мувофиқ аст.

Комиссияи экспертӣ вобаста ба масъалаҳои зикршуда чунин қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992-2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор

аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ) дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод мегарданд:

**а) доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор Саидов Ҳомид Саидович**

**б) номзади илмҳои таърих, досент Шарипов Амриддин Нуриддинович**

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** таъйин карда шавад.

4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ — Шарифов Р. Я.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ — Турсунов Т. Х.

доктори илмҳои таърих, дотсент,
узви Шурои диссертатсионӣ — Тиллоев С.С.

**«Тасдиқ мекунам»:**

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДТТ
ба номи академик М.С. Осимӣ — Қодирзода Н.

04. 11. 2024